# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Душанбе, 2026. – 207 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.1. педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ анҷом дода шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим;), банди 6 – «Консепсияҳои таҳсилот (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки  дар шароити ҷомеаи босуръат рушдёбанда дар низоми маориф ва илмӣ ҷумҳурӣ, ки бо навсозии доимии дониш, истифодаи воситаҳои иттилоотию технология инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва методҳои таълим хос аст, баланд бардоштани малакаю маҳорати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Иттилоотикунонии ҷомеа яке аз мушкилоти калидии ҷаҳони муосир мебошад. Ин ба баландшавии нақши иттилоот ва табдилдиҳии он ба яке аз муҳимтарин қувваҳои пешбаранда дар ҳамаи соҳаҳои ҳаети инсонӣ алоқаманд аст. Барои ҳамин амалисозии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ – қадами муҳим дар рушди дунёи итгилоотии муосир мебошад ва аз ин ҷиҳат мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ дар рисола ба хубӣ дида мешавад.

Бахри рушди маҳорат, қобилият ва малакаҳои маърифатии хонандагони муассисаҳои таълимӣ истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ нақши аввалиндараҷа ва муҳимро мебозад. Ҷомеаи муосир дар марҳилаи рушди иттилоотӣ қарор дорад. Хусусияти асосии ин марҳила истифодаи фаъоли воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир, махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Бо такя ба Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 20230, пешбинӣ мешавад, ки ҷумҳурӣ дар соҳаи иттилоотӣ фаъолона рушд карда, ба як минтақаи рақобатпазир бо потенсиали кофӣ дар сатҳи зиндагӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва имкониятҳо барои амалӣ шудани насли ҷавон табдил меёбад, ки ин ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ мусоидат хоҳад кард.

Аз ин лиҳоз дар раванди тавлид ва рушди ҷомеаи итгилоотӣ арзиши калидиро мушкилотҳои алоқаманди ташкили ҷараёни таълим ба даст мегиранд. Инсон имрӯз на танҳо ба малакаҳои амалӣ ва донишҳои назариявии нав, балки ба тавоноии беҳсозии доимии ин дониш ва малакаҳо зарурат дорад. Ба ибораи дигар, инсониятро азхудкунӣ ва бо ҳар роҳ рушд додани фарҳанги омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт зарур аст. Таҳсилро дигар набояд ҳамчун расми хос танҳо барои давраи аввали ҳаёти инсон ҳисоб кард.

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ба коркард ва асосноккунии истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ бамасъалаҳои зерин диққат дода шудааст:

- таҳқиқи хусусиятҳои дидактикии омузиши истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ ва бартариятҳои рушди қобилиятҳои хонандагон дар раванди омӯзиши истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ;

- таҳлили ҷанбаҳои ҳавасмандкунии омӯзиши воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ аз мавқеи психологияи педагогӣ, ҳамчунин ҳолати омӯзиши истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коркарди рушди истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар шароити истифодабарии воситаҳои иттилоотию

технологияи инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи принсипҳо ва меъерҳои муайянкунандаи муҳтавои истифодабарии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи кори илмии худ ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ниҳоят мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра кардаанд.

Тавре ки унвонҷӯй аз баргузории таҷрибаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кардааст, истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон пурра ҳалли худро наёфта, ба таври зарурӣ коркард нашудааст. Унвонҷӯ дар натиҷаи таҳқиқот мушаххас намудааст, ки дар баъзе муассисаҳои таълимӣ воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ ба таври кофӣ дар амал мавриди истифода қарор дода нашудааст, ки боиси суст инкишофёбии гардидани салоҳиятҳои амалӣ, маърифатӣ ва зеҳнии хонандагон мегардад.

Ҳамин тавр, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда, инчунин, мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим интихоби мавзуи таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмиро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Шарифзода Файзигул Шариф, ҳамчунин, хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал

тасдиқи худро пайдо кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй дорои навгонии баланди илмӣ мебошад.

Таъкид мегардад, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти хоса дошта, абзорҳои педагогӣ бояд ба хусусиятҳои салоҳиятҳои асосӣ мувофиқ бошанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар муқаррар намудани аҳамияти салоҳиятҳои калидии хонандагон ва зарурати истифодаи васеи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим зуҳур меёбад.

Навгониҳои зерини илмии таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар шаш банд пешниҳод шудаанд:

– робитаи назариявӣ-методологии баҳри коркарди босамари васоитҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон ва дар асоси он афзун гардонидани сифати таълим таҳқиқ ва асоснок карда шуд;

–тибқи методологияҳои раванди педагогӣ дар шароити муосир ИСВИТИ (истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ) фаъолияти таълимии хонандагон ба роҳ монда мешавад, муайян карда шуд;

– амалисозӣ ва натиҷабахшӣ аз баҳрабардории воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ, коркарди қоидаҳо, усулҳои гуногун бо назардошти шароити муосири рушди низоми таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушаххас гардид.

–тибқи талаботи низоми маориф таҳияи барномаю дастурҳо оиди истифодаи ҳадафмандона ва амалисозии ТИК дар фаъолияти таълимии хонандагон;

– тарзу усулҳои омӯзиши фаъол дар фаъолияти хонандагон тавассути мониторинги сифати таълим истифода карда шуда, самарнокии истифодаи онҳо собит карда шуд;

– методҳои таҳқиқоти педагогии истифодаи самаранокии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон коркард карда шуда, дар ҷараёни таълим татбиқ карда шуданд.

Ин навгониҳо дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки дар кори таҳқиқотӣ бори нахуст ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим аз нигоҳи дидактикӣ таҳия шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқикот, инчунин, бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуқтаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, довталаб тахқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда дар рушди илми педагогика, таъминоти таълимӣ-методии усул, дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ барои хонандагон ва ғайраҳо коркард шуданд. Ин таъминоти таълимӣ-методиро омӯзгорон метавонанд дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми баргузории дарсҳои технологияи иттилоотӣ, инчунин, шунавандагони низоми такмили ихтисос истифода баранд.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққаррарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб мебошад.

Натиҷаҳои илмии бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Хулосаҳо дорои арзиши назариявӣ мебошанд, инчунин, ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷавобгӯанд ва барои беҳтар ба роҳ мондани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, қайд кардан лозим аст, ки арзиши баланди таҳқиқот ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷиҳати эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 227 номгӯй, 4 расм, 15 диаграмма ва 23 ҷадвал дар ҳаҷми 207 саҳифа таҳия гардидааст.

Боби якум таҳти унвони «Асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб:

- зербоби якум «Асосҳои назариявии сатҳи истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»;

- зербоби дуюм «Қисматҳои самаранокии низоми таълим ва муносибгардонии он ба истифодаи восоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти хонандагон» иборат мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ» ном дорад. Боби мазкур аз ду зербоб иборат мебошад ва зербоби якум «Ташкил ва амалисозии барномаҳо тибқи талаботи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон» номгузорӣ гардида, зербоби дуюм ба таҳлили «Истифодаи тарзу усулҳои самарабахши омӯзиш дар фаъолияти хонандагон тавассути мониторинг» бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия бошад, корҳои таҷрибавӣ-озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ин боб низ аз ду зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар зербоби якуми боби 3 тавсифи методҳои таҳқиқотӣ-педагогии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро дар фаъолияти таълимии хонандагон таҳлил кардааст.

Зербоби дуюм бошад, масъалаи баҳогузорӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи корҳои озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагонро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Хулосаи диссертатсия аз 8 банд иборат мебошад ва тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд нишон дода шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Дар замони ҳозира, рушди воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии

таълим барои муваффақияти хонандагон дар таҳсил ва ҳаёти оянда ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим пешниҳод намояд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар шароити ҷаҳонишавии истифодаи технологияи иттилоотию инноватсионӣ саҳми арзишманд мегузорад.

Аҳамияти илмӣ. Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуқтаҳои зерин муаррифгари онанд:

_ мавзуи интихобшуда ба таври лозима таҳқиқ ва коркард шудааст;

_ методикаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси мушкилоти таҳқиқот муайян карда шуд, пурра аз ҷиҳати илмию методӣ ба талаботҳои истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст;

_ аҳамияти методологӣ ва илмию амалии ин мавзуъ дар шароитҳои муосири низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ, иттилоотонии ҷомеа мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ истифода шаванд. Таҳқиқот метавонад барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар таълим роҳнамо бошад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотии ҷомеа, махсусан, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Файзигул Шариф ба рушди устувори низоми таҳсилот тавассути воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода карда, дар 15 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он чумла, 9 номгӯйи онҳо, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**.

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқарраротп Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот гузаронида, дар диссертатсия маълумоти умумӣ овардааст. Хуб мешуд, ки як фанро интихоб карда, оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳқиқот гузаронида онро асоснок мекард.

2. Ба назари мо,вазифаҳои таҳқиқ такмилро талаб намуда, дар феҳристи адабиёти диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори диссертатсиониро баланд мекунад.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1.

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии назди
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Шавкат Карим

« 5 » июни соли 2026.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 5;
тел.: +992 938039392;
Суроғаи электронӣ: shavkatnormatov@mail.ru

Имзои Каримзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти кадрии
ва корҳои махсуси МҶТМ ВМҶТ Қабутов Л.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. А. Дониш, 50,
тел.: (+992 ) 222-16-02, 222-19-02;
Суроғаи электронӣ: t.metodi@maorif.tj